Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 152 (4735) | ДУШАНБЕ, 18 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВИЛОЯТИ ХАТЛОН



(Идома аз шумораи гузашта)

**14-уми декабри соли 2023 дар ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо лоиҳаи корхонаи истеҳсоли мототсиклҳои дучарха ва сечархаҳои гуногунҳаҷми ҶДММ «Вахш саноат» шинос шуданд.**

Корхона дар доираи эълон гардидани солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» бунёд мешавад.

Ба Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намунаи маҳсулоти дар оянда дар корхона истеҳсолшаванда муаррифӣ гардид.

Бо бунёди корхона 30 номгӯйи мототсиклҳои дучарха ва сечархаи гуногунҳаҷм истеҳсол мешавад, ки беш аз 30 дарсади таҷҳизот ва қисмҳои эҳтиётии онро низ худи корхона истеҳсол менамояд. Мототсиклҳои истеҳсоли корхона барои хоҷагидорон, сохтмончиён ва дигар табақаи аҳолӣ пешбинӣ мешавад.

Аз рӯйи нақша корхонаи мазкур соли 2024 мавриди истифода қарор дода шуда, дар натиҷа ҷойҳои нави корӣ муҳайё мегардад.

Сарвари давлат дар ҳамон ҷо бо фаъолияти коргоҳи мевахушккунии Кооперативи тиҷоратии «Беҳбудӣ» тариқи навор шинос гардиданд.

Иқтидори истеҳсолии коргоҳи мазкур 120 тонна маҳсулот дар як солро ташкил намуда, дар он 30 нафар бо кори мавсимӣ таъмин мешаванд.

Таҷҳизоти коргоҳ аз хориҷи кишвар ворид гардида, бо истифодаи он 20 намуди меваҷот хушконида мешавад. Технологияи муосири насбгардида имкон медиҳад, ки маҳсулоти тайёр босифат истеҳсол гардида, барои содирот мутобиқ бошад.

Маҳсулоти хом, аз ҷумла зардолу, олу, олуи сиёҳ, себ, нок, олуча, ангур, хурмо ва дигар меваҷот, тариқи шартнома аз аҳолӣ харидорӣ мегардад.

Бояд ёдовар шуд, ки таъсиси чунин коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ дар самти татбиқи ҳадафи стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - саноатикунонии босуръати кишвар ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд.

**14-уми декабри соли 2023 дар идомаи сафари корӣ ба вилояти Хатлон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои маъмурии Корхонаи воҳиди давлатии «Бохтарнақлиётхизматрасон»-и назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтарро ба истифода дода, дар маросими муаррифии татбиқи лоиҳаи «Рушди нақлиёти ҷамъиятии вилояти Хатлон» иштирок карданд.**

Амалисозии лоиҳаи «Рушди нақлиёти ҷамъиятии вилояти Хатлон» бо дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифта, мақсади татбиқи он ҷорӣ намудани хизматрасонии нақлиёти ҷамъиятии дохилишаҳрӣ ва наздишаҳрӣ бо истифода аз автобусҳо, баланд бардоштани сифати хизматрасонии мусофиркашӣ, паст кардани ҳолатҳои тамбашавии нақлиёт дар роҳҳои мошингард, баланд бардоштани бехатарии ҳаракат дар роҳҳо ва беҳтар намудани вазъи экологӣ иборат мебошад.

(Давомаш дар саҳ. 2 - 3)

## НОМАИ ТАСАЛЛИЯТ



**16-уми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Амири Давлати Кувайт Шайх Мишъал ал-Аҳмад ал-Ҷобир ас-Сабоҳ номаи тасаллӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

«Аълоҳазрат!

Хабари даргузашти Амири Давлати Кувайт Шайх Наввоф ал-Аҳмад ал-Ҷобир ас-Сабоҳ боиси ғояти ҳузну андуҳи мо гардид. Шодравон ходими барҷаставу муваффақи сиёсию давлатӣ ва яке аз шахсиятҳои намоён дар минтақа ва ҷаҳон буданд.

Марҳум ҳамчун сарваре, ки ҷиҳати густариш ва тавсеаи муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Кувайт саҳм гузоштааст, ҳамеша дар хотироти мо боқӣ мемонад.

Вобаста ба ин андуҳи гарон аз номи Ҳукумат ва мардуми Тоҷикистон ҳамдардии амиқи инҷонибро ба мардуми бародари Кувайт баён намуда, ба наздикон ва пайвандони марҳум тасаллияти самимии хешро изҳор менамоям.

Парвардигор марҳуми олиқадрро шоистаи раҳмат намояд ва ҷояшро ҷаннат гардонад.

Инна лиллоҳи ва инна илайҳи роҷиъун».

## САФАРИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

**Ҳаждаҳуми декабри соли 2023 ҳайати парламентии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода даъвати Раиси Ассамблеяи парламентии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ Вячеслав Володинро пазируфта, барои иштирок дар ҷаласаи сайёри Шӯро ва ҷаласаи шонздаҳуми пленарии Ассамблеяи парламентии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, ки рӯзи 19 декабри соли ҷорӣ дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия баргузор мегардад, ба он ҷо сафар намуданд.**

Ёдовар мешавем, ки баргузории ҷаласаҳои СААД далели равшани ҳамкориҳои байни давлатҳои аъзои СААД буда, ғояи асосии он муттаҳидӣ ва якдилии ҳамаи давлатҳои аъзои ин созмон мебошад.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



## РУШДИ МИНБАЪДАИ ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОНУ ЧИН ТАВСЕА МЕЁБАНД

**Чордаҳуми декабри соли 2023 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо муовини Раиси Кумитаи доимии Маҷлиси умумичинии намояндагони халқии Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Чжан Тсинвэй мулоқот намуд.**

Зимни мулоқот Маҳмадтоир Зокирзода изҳор намуд, ки Ҷумҳурии Мардумии Чин дар стратегияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон яке аз ҷойҳои муҳимро ишғол менамояд ва мо ба рушду таҳкими минбаъдаи ҳамкории Тоҷикистону Чин манфиатдор ҳастем.

Дар таҳкиму густариши муносибатҳои ҳамкории дуҷониба саҳми роҳбарони ҳар ду давлат - Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷаноби Си Ҷинпин бениҳоят зиёд аст. Итминон аст, ки мулоқоти имрӯза ба рушди муносибатҳои байнипарлумонии ҳар ду давлат такони нав хоҳад бахшид.

Дар интиҳои мулоқот изҳори боварӣ гардид, ки тавассути муколамаҳои доимии сатҳи баланд робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Чин дар ҳама самтҳо мазмуну мундариҷаи нав пайдо намуда, дар оянда доираҳои зиёди мавриди таваҷҷуҳ ва барои тарафҳо манфиатоварро фаро хоҳанд гирифт.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ҳаждаҳуми декабри соли 2023 таҳти раёсати муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода ҷаласаи навбатии Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар бораи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотии байналмилалӣ», «Дар бораи Созишнома байни Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати мудофиаи Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мудофиа», «Дар бораи Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Созишнома дар бораи Гурӯҳи АвруОсиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм ва Низомнома дар бораи тартиби ташаккул ва иҷрои буҷети Гурӯҳи АвруОсиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳисоботи роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба иҷрои сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023», «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи сохтор, басти вазифаҳо ва сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Муассисаи давлатии «Редаксияи рӯзномаи «Садои мардум» барои соли 2024» мавриди баррасӣ қарор гирифта, пас аз шарҳу тавзеҳи онҳо аз ҷониби раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Рустам Шоҳмурод ва раиси Комиссияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати Дастур ва ташкили кор Ҷамшед Муртазозода ба баррасии ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуданд.

Дар ҷаласа, ҳамчунин, вобаста ба таъсиси гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

**Дар кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## БАРРАСИИ ҚОНУНҲО ВА ПЕШНИҲОДИ ХУЛОСАҲО



**Ҳаждаҳуми декабри соли равон таҳти роҳбарии раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонону занон Маҳмадшоҳ Гулзода ҷаласа баргузор шуд.**

Аъзои кумита даҳ масъала - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» - ро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар охир хулосаҳои кумита қабул ва барои баррасӣ ба Иҷлосияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум»**

(Идома аз саҳ. 1)

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВИЛОЯТИ ХАТЛОН



Аснои муаррифӣ иттилоъ дода шуд, ки арзиши умумии лоиҳаи «Рушди нақлиёти ҷамъиятии вилояти Хатлон» 9,2 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо татбиқи лоиҳа ва суҳбат бо масъулин ҷиҳати амалисозии ҳадафмандонаи он ва истифодаи мақсадноки воситаҳои нақлиёти харидоришуда дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Тазаккур дода шуд, ки дар сурати қабул гардидани марҳилаи дуюми лоиҳаи «Рушди нақлиёти ҷамъиятии вилояти Хатлон» имконият мавҷуд аст, ки дар Корхонаи воҳиди давлатии «Бохтарнақлиётхизматрасон» воридсозии электробусҳои нав ба роҳ монда шавад. Барои ин ҳамаи имкониятҳо дар муассисаи нақлиётии автомобилии корхона мавҷуд аст.

Дар доираи лоиҳа сохтмони муассисаи нақлиётии автомобилӣ бо тамоми таҷҳизоти зарурӣ бо сифати баланд ва ҷавобгӯ ба стандартҳои пазируфташуда анҷом ёфт. Бунёди бинои маъмурии дуошёна бо таххона, сохтмони бинои таъмирӣ ва шустушӯи нақлиёт, васли таҷҳизоти барқӣ ва ташкили инфрасохтори зарурӣ, аз қабили трансформатор, кашидани қубурҳои оби нӯшокӣ, васлу насби таҷҳизот, корҳои мумфаршкунию бетонпӯшкунии майдони муассиса, кашидани хатҳои уфуқӣ, шинонидани ниҳоли дарахтони ороишию мевадиҳанда ва гулу буттаҳо, аз зумраи тадбирҳое буданд, ки дар чаҳорчӯбаи татбиқи ҳамин лоиҳа сифатан хуб анҷом дода шуданд.

Дар доираи амалисозии лоиҳаи «Рушди нақлиёти ҷамъиятии вилояти Хатлон» аз ҷониби ҶДММ «Акиа Авесто» 39 адад автобуси мусофиркашонии тамғаи «Акиа -Ориё LE8» ба КВД «Бохтарнақлиётхизматрасон»-и назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар ворид карда шуд.

Ҳамчунин, дар доираи лоиҳа аз ҳисоби маблағҳои сарфашуда ду адад воситаи нақлиётии мусофиркашонии тамғаи «Акиа–LE9», бо мақсади рушди соҳаи туризми дохилӣ ва хориҷӣ харидорӣ гардид, ки дар натиҷа теъдоди автобусҳои наву замонавӣ дар корхона ба 41 адад расонида шуд. Ин тадбир имконият медиҳад, ки хатсайрҳои байни шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, шаҳри Душанбе, вилояти Суғд ва шаҳрҳои гуногуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба роҳ монда шаванд. Автобусҳои нав аз лиҳози суръат, вазни кам ва кӯтоҳ будан барои фаъолият дар кӯчаҳои шаҳри Бохтар ва шаҳру ноҳияҳои атроф мусоид мебошад. Автобусҳои нав бо таҷҳизоти гармию хунукидиҳанда ва воситаҳои вориду хориҷшавӣ барои маъюбон муҷаҳҳаз гардонида шудааст, ки баҳри бехатарӣ ва ҳамлу нақли мусофирон хизмат мерасонад.

Вобаста ба ташкили низоми ҳамгироишудаи харидуфурӯши чиптаҳои электронӣ барои дохили автобусҳо, то имрӯз аз ҷониби ҶДММ «Авесто - Гурӯҳ» дар асоси қарордод 40 ҳазор кортҳои нақлиётӣ фармоиш дода шудааст ва ба қарибӣ низоми пардохти электронии хизматрасонӣ дар хатсайрҳои дохилишаҳрию беруназшаҳрӣ фаъол карда мешавад. Баъди ба истифода додани КВД «Бохтарнақлиётхизматрасон» 130 нафар шаҳрванд ба ҷойи корӣ доимӣ таъмин шуданд.

КВД «Бохтарнақлиётхизматрасон» дар қисмати ҷанубу ғарбии шаҳри Бохтар дар шоҳроҳи Бохтар-Кӯлоб бунёд гардид, ки ин раванд дар танзими ҳаракати воситаҳои нақлиёти ҷамъиятӣ ва осону сода гардидани рафтуомади сокинону меҳмонон ба шаҳру ноҳияҳои атроф мусоидати фаъол хоҳад кард.

Аз шумораи умумии 41 воситаи нақлиёти ба корхона воридгардида, 11 адад автобус дар хатсайри Бохтар - Кӯшониён - Вахш фаъолиятро оғоз намудааст. Ҳамарӯза дар ин хатсайр аз 3500 то 4000 мусофир аз хизматрасонии босифати автобусҳо истифода мебаранд. Тасмими мазкур боиси хушҳолию фараҳмандии сокинони шаҳри Бохтар ва ноҳияҳои атроф гардидааст.

Зимнан бо ба истифода додани КВД «Бохтарнақлиётхизматрасон» кор дар хатсайрҳои дигар оғоз шуд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамон ҷо ба масъулон дастур доданд, ки қабл аз ҳама тавассути автобусҳои хуштарҳу замонавии истеҳсоли ватанӣ сатҳи хизматрасонӣ ба аҳолиро боло бардошта, бо фаъол кардани хатсайрҳои нав ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ интиқоли бехатари мусофиронро таъмин созанд.

**14-уми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Бохтар бинои нави Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази ҳифзи техникии иттилоот, сертификатсия ва экспертиза»- и Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлонро мавриди истифода қарор доданд.**

Иншоот дар доираи нақшаи чорабиниҳо бахшида ба Ҷашни 35-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд шуда, атрофи он бо гулу дарахтони ороишию ҳамешасабз кабудизор гардидааст.

Бино аз 4 ошёна иборат буда, дар қабатҳои якум, дуюм ва сеюми он қисми навбатдорӣ, ҳуҷраҳои корию маъмурӣ, китобхона бо махзани бойи адабиёти бадеию соҳавӣ, озмоишгоҳ, маҷлисгоҳ бо 60 ҷойи нишаст ва дигар иншооти ёрирасон ҷойгир шудаанд.

Ҳуҷраҳои корӣ ва дигар иншооти бино бо воситаҳои техникии соҳавӣ ва дастгоҳу таҷҳизоти насли нав муҷаҳҳаз гардида, барои пешбурди фаъолияти бонизом ва самарабахши кормандон шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Дар қабати болоии бино 6 ҳуҷраи хоб барои меҳмонон ва кормандони соҳа бунёд ва бо лавозимоти зарурӣ таъмин гардидаанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз шароити фароҳамгардида ба сифати корҳо баҳои баланд дода, ба ҳайати шахсӣ ҷиҳати босифату мақсаднок иҷро намудани вазифаҳои хизматӣ, омӯзиши бештари таҷрибаи пешрафта дар самти ҳифзи техникии иттилоот, истифодаи усулҳои пуртаъсири таъмини ҳифзи иттилооти дастрасиаш маҳдуд дар тамоми бахшҳо дастуру супоришҳои муфид доданд.

Қобили зикр аст, ки то ин дам кормандони соҳаи ҳифзи сирри давлатӣ ва ҳифзи техникии иттилоот дар вилояти Хатлон дар бинои иҷора фаъолият менамуданд. Ифтитоҳи бинои нав ва таъминот бо техникаю лавозимоти зарурӣ аз дастгириҳои навбатии Ҳукумати мамлакат дониста шуда, он дар сифатноку босамар амалӣ гардидани сиёсати давлатӣ дар соҳаи мазкур таъсиргузор хоҳад буд.

Дар ҳамон ҷо, ҳамчунин, аз ҷониби масъулини соҳа воситаҳои махсуси техникӣ ва озмоишӣ, ки бо дастгирии Ҳукумати кишвар дар самти ҳифзи техникии иттилоот харидорӣ гардидаанд, муаррифӣ карда шуд.

Зикр гардид, ки амалигардонии «Барномаи давлатии таҳкими ҳифзи сирри давлатӣ ва ҳифзи техникии иттилоот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026», ки бо ташаббуси бевоситаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабул гардид, барои таҳкими заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ташкилию инфрасохтории соҳа мусоидати фаъол хоҳад кард.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат бо ҳайати шахсии Саридораи ҳифзи сирри давлатӣ зикр доштанд, ки дар шароити рушди илм ва технологияи муосир, инчунин, рақамикунонии иқтисодиёти кишвар масъалаҳои ҳифзи техникии иттилоот ва пешгирии ихроҷи иттилооти дастрасиаш маҳдуд муҳим буда, аз масъулини соҳа таваҷҷуҳи бештар ва сатҳи баланди касбиятро тақозо менамояд.

Дар навбати худ кормандону масъулини соҳаи ҳифзи сирри давлатӣ аз дастгирӣ ва таваҷҷуҳи хосаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва фароҳам сохтани инфрасохтори кору фаъолият дар ин самт изҳори сипос намуда, ваъда доданд, ки дар пайравӣ ба сиёсати хирадмандона ва созандаи роҳбарияти олии сиёсии Тоҷикистон фаъолияти худро минбаъд низ хуб ба роҳ монда, барои иҷрои вазифаҳо, таҳкими ҳифзи сирри давлатӣ ва техникии иттилоот саъйи бештар хоҳанд кард.

**14-уми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ ба як қатор шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон аз гармхонаи парвариши лимӯ дар Кооперативи истеҳсолии - «Сомон-Бохтар» дар ноҳияи Кӯшониён боздид карданд.**

Кооперативи истеҳсолии «Сомон-Бохтар» дар масоҳати 50 гектар таъсис ёфта, майдони 3 гектарро боғ, 30- пахта, 8 - ғалладонагиҳо, 1,5 - картошка ва 3,9 гектарро замини кишти хӯроки чорво ташкил медиҳад.

Дар хоҷагии мазкур, ки роҳбариашро Маҳмадтолиб Ҷобирзода ба уҳда дорад, даҳ гармхона бунёд шудааст. Сохтмони гармхона аз соли 2012 оғоз гардида, соли 2016 аз тарафи Президенти мамлакат зимни як сафари корӣ ба истифода дода шудааст. Баъди бунёди гармхона 6 нафар сокини маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардиданд.

Истеҳсоли лимӯ дар хоҷагӣ дар соли 2022-юм 40 тонна ва соли ҷорӣ ҷамъоварии он ба 50 тонна расонида мешавад. Маҳсулоти истеҳсолшуда дар дохили кишвар ва ба Федератсияи Россия содирот мегардад.

Даромади хоҷагӣ аз ҳисоби гармхона аз 300 то 400 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Муассиси хоҷагӣ ба нақша гирифтааст, ки дар 3,0 гектар гармхонаҳои доимоамалкунанда бунёд намуда, аз ҷумла дар майдони 2,0 гектар лимӯ ва дар майдони 1,0 гектар кишти сабзавоти барвақтиро ба роҳ монад.

Бояд гуфт, ки дар ноҳияи Кӯшониён дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидорӣ дар майдони 48 гектар гармхонаҳои лимӯпарварӣ мавҷуд аст, ки аз он 39,6 гектар ҳосилдиҳанда мебошад.

Дар соли 2022 -юм 263,6 тонна лимӯ истеҳсол шуд, ки аз он дар бахши ҷамъиятӣ аз 9,0 гектар - 133 тонна ва аз 30,6 гектари аҳолӣ 130,6 тонна лимӯ истеҳсол гардидааст. Ҳосилнокии лимӯ аз 1 гектар 66,5 сентнериро ташкил медиҳад.

Баъди шиносоӣ аз фаъолияти хоҷагӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кори деҳқонон дар самти истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва таъмини бозорҳои истеъмолӣ баҳои баланд доданд.

**14-уми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон бинои Воҳиди таъиноти махсуси зиддитеррористии «Алфа»-и Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар вилояти Хатлонро мавриди истифода қарор доданд.**

Иншооти нав дорои ҳуҷраҳои кории кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, синфхонаҳо барои омӯзиш, толори маҷлис, ҷойи хоб, ошхона ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасони техникӣ буда, он дар доираи нақшаи чорабиниҳои созандагӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бунёд гардидааст.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки бинои воҳиди таъиноти махсуси зиддитеррористӣ аз инфрасохтори муосири соҳавӣ иборат буда, дар он барои кормандони ин ниҳоди қудратии мамлакат шароити мусоиди фаъолият муҳайё шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шароити иншооти мазкур шинос шуда, аз сифати корҳои анҷомёфта ва фароҳам овардани шароити муносиби корӣ изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кормандонро барои хизмати софдилона бар нафъи давлату миллат ва таъмини амнияти шаҳрвандон ҳидоят карданд.

**15-уми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳоти «Меҳнатобод»- и ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон корхонаи коркарди пахтаи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ифтихори Ватан»-ро мавриди истифода қарор дода, бо раванди фаъолияти хатти технологӣ дар он шинос шуданд.**



Корхонаи коркарди пахта дар ноҳияи Кӯшониён аз зумраи иншооти ҷашнӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ маҳсуб ёфта, он дар доираи ҳадафҳои муҳими стратегӣ - таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар бо навтарин технологияи истеҳсоли кишварҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ бунёд шудааст. Корхона дар як мавсим иқтидор дорад, ки 5 ҳазор тонна ашёи хомро бо ҷалби 30 нафар коргарону мутахассисони маҳаллӣ коркард намояд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз раванди фаъолияти хатти технологӣ иқдоми соҳибкори ватанӣ Анвар Раҳмоновро ҷиҳати таъсиси чунин як иншооти калони саноатӣ ва ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот муҳим арзёбӣ карда, масъулонро барои афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли ин намуди маҳсулот ва коркарди он то ҳадди ниҳоӣ вазифадор намуданд.

Масоҳати умумии замини корхонаи «Ифтихори Ватан» дар ноҳияи Кӯшониён як гектарро ташкил дода, дар он мувофиқи лоиҳа бинои истеҳсолот бо муҷаҳҳазсозии дастгоҳу технологияи муосир, анбори нигоҳдорӣ бо ғунҷоиши 700 тонна пунбадона, ҳуҷраҳои корию истироҳатӣ, ошхона ва дигар иншооти ёрирасон бунёд гардидааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешбурди фаъолияти бахши хусусӣ ва дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ имтиёзҳои андозию гумрукӣ пешбинӣ шудааст ва дар доираи он барои ноил гардидан ба ҳадафҳои рушд қадамҳои устувору самарабахш гузошта мешавад.

Корхона дар марҳилаи санҷишӣ 2153 тонна ашёи хомро коркард намуд ва дар натиҷа 816 тонна маҳсулоти тайёр, 1113 тонна пунбадона ва 29 тонна пати пахтаи ҷавобгӯи талаботи бозор истеҳсол гардид. Дар ҳамон ҷо ба Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон номгӯи гуногуни тухмиҳои аълосифати зироати ғалладонагӣ, картошка, пахта ва молу маҳсулоти кишоварзию саноатии ноҳияи Кӯшониён муаррифӣ гардид.

**15-уми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои Муассисаи давлатии «Мактаб-интернат барои кӯдакони ятим ва бепарастор»-и ноҳияи Вахшро дар деҳоти ба номи Рӯдакӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Иншооти иҷтимоӣ дар заминаи дастгириҳои ҳамешагии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби сармоя ба истиқболи ҷашни бузургу муқаддаси миллӣ - 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои 480 ҷойи нишаст дар ду баст сохта шудааст.

Мактаб-интернат аз шаш бинои алоҳида, бинои асосии дуошёна, хобгоҳ, ошхона, меҳмонхона, бунгоҳи тиббӣ ва бинои муҳофизон иборат мебошад.

Зимни шиносоӣ ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки бинои асосӣ дорои 8 кабинети фаннӣ, аз қабили биология, география, информатика, забон ва адабиёти тоҷик, ҳуҷраи равоншиносӣ, китобхонаи муосир, ҳуҷраҳои кории маъмурият, омӯзгорону мураббиён, ҳашт тахтаи электронӣ ва синфхонаи ибтидоӣ мебошад. Синфхонаҳои мактаб-интернат бо таҷҳизоти таълимии замонавӣ, мизу курсӣ ва айёнияти дарсӣ пурра таъмин аст. Дар китобхонаи мактаб-интернат имконияти мусоид барои мутолиаи адабиёти дарсӣ, илмӣ ва соҳавӣ фароҳам мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тарбиятгирандагони мактаб-интернатро бо истифода аз шароити фароҳамшуда барои омӯзиши бештари илмҳои муосиру дақиқ, касбу ҳунар, аз худ кардани технологияи замонавӣ ва забонҳои хориҷӣ ҳидоят намуданд. Тибқи иттилоъ, ҳоло дар муассиса 285 нафар кӯдаки ятим ва бепарастор ба таълиму тарбия ва зиндагӣ фаро гирифта шудаанд. Тамоми биноҳои мактаб-интернат бо низоми мустақили гармидиҳӣ пайваст буда, бунгоҳи тиббии муассиса дорои таҷҳизоти нав барои расонидани кумаки аввалияи тиббӣ мебошад.

Хобгоҳи «Мактаб-интернат барои кӯдакони ятим ва бепарастор»-и ноҳияи Вахш аз се ошёна иборат буда, бо шароити муосир барои 350 кат бо нуқтаҳои санитарию гигиенаи шахсӣ сохта шудааст. Дар ҳуҷраҳои хоб барои истиқомат ва дарстайёркунии хонандагон лавозимоти зарурӣ таъмин гардидааст. Толори маҷлис, ки дар ошёнаи якуми хобгоҳ ҷойгир аст, дорои 160 ҷойи нишаст мебошад.

Масоҳати умумии иншоот чор гектарро дар бар гирифта, бо тарҳи муосир ва бо истифода аз унсури шаҳрсозии миллӣ бунёд шудаанд.

Саҳни муассисаро бештар аз 800 дарахти ҳамешасабз ва сояафкан зебу зинат бахшида, намудҳои гуногуни гулҳои мавсимию ороишӣ шинонида шудааст.



Мактаб-интернат барои кӯдакони ятим ва бепарастори ноҳияи Вахш дорои ошхонаи замонавӣ буда, таом ва хӯришҳои гуногун омода карда мешавад.

Ба Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақшаи бунёди биноҳои касбомӯзӣ, маъмурият, варзишгоҳ, майдони теннис, ҳавзи шиноварӣ, боғ ва гулгашт барои ятимону бепарасторони Мактаб-интернат барои кӯдакони ятим ва бепарастори ноҳияи Вахш муаррифӣ карда шуд.

Иттилоъ дода шуд, ки масоҳати Маҷмааи иншооти сохташавандаи касбомӯзӣ, маъмурият, варзишгоҳ, майдони теннис, ҳавзи шиноварӣ, боғ ва гулгашт ду гектар заминро ташкил дода, дар ҳамкорӣ бо шариконии рушд амалӣ карда мешавад.

Бо бунёди бинои чорошёнаи касбомӯзӣ ва иншооти дигари замонавӣ барои рушди зеҳнию ҷисмонии тарбиятгирандагон шароити беҳтару муосир фароҳам оварда мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулон ҷиҳати анҷоми босифати корҳои сохтмонӣ дар иншооти сохташаванда ва ҷалби коргарони маҳаллӣ дар раванди корҳо дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Дар ҳамон ҷо, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба 285 нафар кӯдаки ятиму бепарастор туҳфаҳо тақдим намуда, бо онҳо суҳбати самимӣ оростанд.

Туҳфаҳои Сарвари давлат аз маҷмӯи либоси зимистона, шиму костюм, болопӯш, куртаҳои бачагонаю духтарона, пойафзол, ширинӣ, кумаки молии якваҡтаина ва дигар лавозимоти зарурӣ иборат буд.

Кӯдакон аз ин туҳфа, ки барояшон арзиши муҳими моддию маънавӣ дорад, ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори миннатдорӣ баён намуданд.

**15-уми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ дар ноҳияи Вахш Маркази агрологистикии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Восток-1»-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Маркази агрологистикӣ аз сардхона, коргоҳи коркарди мева, бандубасти он ва истеҳсоли карбос иборат мебошад. Иншооти нав ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо саҳми соҳибкори ватанӣ Абдухолиқ Саидов ва ҷалби сармояи шарикони рушд бунёд карда шудааст.

Ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки сардхона барои нигоҳдории 300 тонна маҳсулоти кишоварзӣ пешбинӣ гардидааст. Дар сардхонаи навтаъсис асосан маҳсулоти кишоварзӣ, аз қабили мева, картошка, пиёз ва сабзӣ, захира гардидааст.

Сардхона бо мақсади беталаф нигоҳ доштани маҳсулоти кишоварзии хоҷагиҳои ноҳияи Вахш бунёд шуда, имкон медиҳад, ки меваю сабзавоти тару тоза дар ҳама фасли сол захира ва ба мардум пешниҳод карда шавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити сардхона ва коргоҳи хурди коркарди мева, бандубасти он ва истеҳсоли карбос иқдоми соҳибкорони маҳаллиро ҷиҳати татбиқи нақшаи чорабиниҳои солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» муҳим арзёбӣ карданд.

Таъкид гардид, ки дар шароити феълӣ таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ аҳамияти хоса дорад ва таъсиси чунин сардхонаҳо, маҳз ба ин мақсад равона гардидааст.

Коргоҳи коркарди мева ва бандубасти он бо хатти нави технологӣ маҷаҳҳаз гардонида шудааст. Тавассути хатҳои нави технологии коргоҳ дар як сол қариб 80 тонна мева коркард карда мешавад.

Дар коргоҳи коркарди мева, бандубасти он ва истеҳсоли карбос барои 18 нафар ҷойи кори доимӣ муҳайё шудааст. Ашёи хом аз ҳудуди ноҳияи Вахш ва дигар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дастрас карда шуда, коркард ва бандубаст карда мешавад. Дар коргоҳи нав меваи хушк ва дигар маҳсулот бастабандӣ гардида, дар шакли тайёр барои содирот омода мегардад.

Дар Маркази агрологистикии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Восток-1» дар маҷмӯъ қариб 30 нафар бо шуғли доимӣ фаро гирифта шудааст.

Роҳбарияти Маркази агрологистикии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Восток-1» дар оянда нақша доранд, ки дар доираи эълон гардидани солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» ду корхонаи дигари истеҳсолӣ бунёд намуда, барои 30 нафар ҷойи кории нав таъсис диҳанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз ифтитоҳи Маркази агрологистикии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Восток-1» аз намоишгоҳи маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзии ноҳияи Вахш боздид намуданд.

**15-уми декабри соли 2023 дар идомаи сафари корӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Беморхонаи марказии ноҳияи Вахшро баъд аз таъмиру азнавсозӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Беморхонаи марказии ноҳияи Вахш, ки аз калонтарин иншооти тандурустии ноҳия ва ҳудуди вилояти Хатлон дониста мешавад, бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи татбиқи лоиҳаи «Ҳифзи саломатии модару кӯдак ва беҳтар намудани самти ёрии таъҷилии тиббӣ дар ноҳияҳои вилояти Хатлон», марҳилаҳои 2 ва 4-ум мавриди таъмири асосӣ ва таҷдиду барқароркунӣ қарор дода шуд.

Маҳз, дар доираи ҳамин лоиҳа Беморхонаи марказии ноҳияи Вахш бевосита бо маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии молиявии шарикони рушд ба истиқболи санаҳои бузургу таърихӣ ва гиромидошти Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таъмири асосӣ бароварда шуд. Акнун дар он ҷо барои зиёда аз 200 ҳазор нафар аҳолии ноҳияи Вахш имконоти бештари ташхису муолиҷа муҳайё карда шуд.

Тавре ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, корҳои сохтмонӣ дар бинои бошукӯҳи бахши тандурустӣ соли 2020 аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Манора сохтмон» оғоз гардида буд.

Пудратчии иншоот тибқи лоиҳаи тарҳрезишуда, мувазааф шуда буданд, ки моҳи декабри соли 2023 Беморхонаи марказии ноҳияи Вахшро бо беҳтарин шароити хизматрасонии тиббӣ ва муҷаҳҳаз бо тамоми воситаҳои тандурустӣ мавриди истифода қарор диҳанд.

Бинокорони Ширкати пудратчии «Манора сохтмон» ҳар се қабати бинои шифохона, таххона, болохона ва биноҳои маъмурию иловагиро бо сатҳу сифати баланд ва мутобиқ ба меъёрҳои муосири ҷаҳонӣ ба анҷом расониданд.

Барои сифатнок анҷом ёфтани корҳои сохтмонӣ муосиртарин масолеҳи бинокорӣ истифода гардида, дар анҷоми вусъатноки корҳои созандагӣ наздик ба 200 нафар сокинони ноҳияи Вахш бо ҷойи кор ва маоши баланд таъмин гардиданд.

Дар муассисаи тандурустӣ таҷҳизоти муосири тиббӣ аз давлатҳои Олмон, Ҷопон, Амрико, Испания, Италия ва Ҷумҳурии Мардумии Чин бо маблағи беш аз 15 миллион сомонӣ харидорӣ ва васлу насб карда шудааст.

Дар беморхона дастгоҳҳои зарурии ҷарроҳӣ, оксигенераторҳо, рентгени рақамӣ, дастгоҳи ташхиси ултрасадо ва сабти барқии дил фароҳам оварда шудааст, ки қаблан табибон ба чунин таҷҳизоти замонавӣ ниёзи бештар доштанд.

Фароҳам сохтани чунин шароити созгори ташхису муолиҷа ва таъминоти дастгоҳу воситаҳои сохти замонавии тандурустӣ имкон фароҳам меорад, ки табибон ба сокинони ноҳияи Вахш ва дигар ноҳияҳо бо сатҳу сифати баланд хизмат расонанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба табибон ва масъулини ниҳоди тандурустӣ супориш доданд, ки бо истифода аз чунин шароит ба беморон дар сатҳи баланд хизматрасониҳоро ба роҳ монда, ба масъалаи муомилаи хуш бо беморон ва наздикони онҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир намоянд.

Аз ин баъд, дар беморхонаи ноҳияи Вахш усулҳои замонавии ташхису муолиҷа ҷарроҳиҳои ҳар гуна бемориҳо бо истифода аз таҷрибаи тибби давлатҳои пешрафта роҳандозӣ хоҳад шуд.

Ҳама ҳуҷраҳои корию истироҳатии табибону кормандон дорои шароитҳои арзанда мебошанд. Акнун табибони беморхонаи ноҳияи Вахш метавонанд ба сокинони ноҳияҳои Кӯшониён, Ҷалолиддини Балхӣ ва шаҳри Бохтар низ бо сифати баланд хизматрасонӣ кунанд. Ҳамин гуна бо азнавсозӣ ва муҷаҳҳазгардонии бинои асосии беморхона шароити созгор ва мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонии табобат муҳайё карда шуд.

**15-уми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ дар деҳоти «20-солагии Истиқлоли Тоҷикистон»-и ноҳияи Вахш Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Насими Вахш»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Ин корхона, ки фаъолияташ ба самти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ нигаронида шудааст, аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Бароталӣ Юсуфзода барои дар сатҳи баланд пешвоз гирифтани Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта ва бо дастгоҳу технологияи муосири бофандагию дӯзандагӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

Дар корхонаи «Насими Вахш» асосан ҷӯроб, либоси ягонаи мактабӣ ва дигар намуди либосҳои фармоишӣ истеҳсол карда мешавад. Дар коргоҳи нассоҷии корхона 250 дастгоҳи ҷӯроббофӣ, 15 дастгоҳи худкор ва 7 дастгоҳи тамғагузории истеҳсоли кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ворид ва васлу насб гардидааст.

Ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар корхонаи «Насими Вахш» 180 нафар занони хонашин бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин шудаанд.

(Давомаш дар саҳ. 3)



# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

(Идома аз саҳ. 1 - 2)

Иқтидори истеҳсолии коргоҳи мазкур бо васеъ намудани доираи фаъолият ин нишондиҳанда афзоиш дода мешавад. Корхонаи мазкур иқтидор дорад дар як сол 15 миллион ҷуфт ҷӯроби хушсифат истеҳсол намояд.

Ашёи хом, аз ҷумла ришта, барои омода намудани ҷӯроб аз дохили кишвар ва қисман аз хориҷи мамлакат дастрас шуда, дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ аз он маҳсулоти ивазкунандаи воридот омода мешавад. Ҷӯробҳои дар корхона истеҳсолшаванда дар баробари таъмини бозори дохилӣ ба хориҷи мамлакат низ содирот мегарданд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шароити муосири корӣ ва раванди истеҳсолот дар корхона баҳои баланд доданд.

Ёдовар мешавем, ки ҳадафи асосии бунёди корхона дар ноҳияи Вахш коркарди ниҳоии ашёи хоми маҳаллӣ ва аз он истеҳсол намудани маҳсулоти тайёр мебошад. Маҳсулоти тайёре, ки дар корхона тавлид меёбад, 80 дарсади он аз пахта омода мешавад ва таваҷҷуҳи харидорони ватанию хориҷӣ ба он зиёд мегардад.

Бояд қайд намуд, ки дар коргоҳ дӯхти либоси мактабӣ низ ба роҳ монда шуда, навтарин технология аз кишварҳои тараққикардаи дунё ворид ва бо ҷалби мутахассисони ватанӣ васлу насб шудаанд.

Дар коргоҳи дӯзандагӣ 56 духтари маҳаллӣ, ки аксаран хонашин мебошанд, ба кор ҷалб гардидаанд. Корхона иқтидор дорад хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Вахшро пурра бо либоси ягонаи мактабӣ таъмин намояд.

Бо назардошти афзоиши талабот ба ҷӯроби хушсифати ватанӣ масъулини корхона маҳсулотро бо сифати баланд истеҳсол намуда, ба мизоҷон пешниҳод менамоянд. Ин иқдом дар доираи «Солҳои рушди саноат» (солҳои 2022 - 2026) ва дастгирии давлатии бахши хусусӣ амалӣ мешавад.

Ҷӯробҳои истеҳсолкардаи корхона, асосан маҳсулоти ивазкунандаи воридот ба шумор рафта, бо нархҳои дастрас пешниҳоди харидорон мегарданд.

Тибқи нақшаи тиҷоратӣ, дар сурати пурра фаъол гардидани корхона 400 сокини маҳаллӣ, хусусан занони хонашин, бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин мешаванд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рушд бахшидани соҳаи саноат, истеҳсоли маҳсулоти хушсифати ивазкунандаи воридот, таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ватанӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ ба масъулон супоришҳои мушаххас доданд.

Баъд аз ифтитоҳи Корхонаи нассоҷӣ ва дӯзандагии «Насими Вахш» Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо лоиҳаи бунёди корхонаи ресандагӣ шинос шуданд.

Корхонаи мазкур дар доираи нақша - чорабиниҳо ба ифтихори Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд гардида, дар он барои 200 зани хонашин ҷойи кории нав фароҳам мешавад.

Ёдовар мешавем, ки корхонаи мазкур дар масоҳати 1 гектар сохта шуда, дар як сол 4000 тонна пахта коркард ва аз он маҳсулоти тайёр истеҳсол мегардад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ ба лоиҳаи бунёди корхонаи нави саноатӣ таваҷҷуҳи масъулони соҳаро барои иҷрои сариваќтии корҳои сохтмонӣ, ворид намудани технологияи муосир ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ҷалб намуданд.

**15-уми декабри соли 2023 дар идомаи сафари корӣ ба вилояти Хатлон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Ёвон ташриф оварданд.**

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст дар ноҳияи Ёвон бо маданияти истифодаи замин дар хоҷагии деҳқонии «Раҷабалӣ» шинос шуда, аз намоиши маҳсулоти кишоварзии деҳқонони вилояти Хатлон боздид намуданд.

Хоҷагии деҳқонии «Раҷабалӣ» соли 1999 аз тарафи деҳқони ботаҷриба Усмоналӣ Раҷабов дар масоҳати 9 гектар замини обӣ ташкил гардида, дар он 5 саҳмдор фаъолият менамоянд, ки ҳамасола зироати гуногуни кишоварзӣ кишту парвариш ва истеҳсол менамоянд.



Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар хоҷагӣ имсол дар кишти асосӣ дар масоҳати 2 гектар гандуми навъи «Кроснодар» ва 3 гектар картошкаи навъи «Галла» ба роҳ монда шуда, ҳосили дилхоҳ ба даст оварданд.

Яке аз самтҳои дигари фаъолияти хоҷагӣ кишти зироати хӯроки чорво, аз ҷумла беда, мебошад, ки ин навъи зироатро дар 4 гектари замини хоҷагӣ кошта, ҳамчун хӯроки серғизо барои чорво истифода менамоянд.

Бо ҳамин роҳ ҳамасола хоҷагидорон номгӯи зиёди зироати кишоварзиро кишт карда, аз самараи дастранҷи худ дар беҳбудии рӯзгори саҳмдорон ва сатҳи иқтисодии хоҷагӣ саҳмгузорӣ мекунанд. Имсол бори аввал хоҷагидорон бо роҳандозии таҷрибаи нави истеҳсолӣ дар як гектар кишти барвақтии картошкаро зери плёнка ба роҳ монданд. Саҳмдорони хоҷагӣ бо парвариши ин навъи сабзавот талош доранд, ки дар фаровонии бозорҳои истеъмолии мамлакат ва таъмини амнияти озуқаворӣ ҳиссаи худро гузоранд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо хоҷагидорон суҳбати самимӣ ороста, ба меҳнати садоқатмандонаи онҳо дар самти кишту парвариш ва истеҳоли маҳсулоти тозаи табиӣ баҳои баланд дода, таъкид карданд, ки дар шароити кунунӣ истифодаи босамари замин, гирифтани зиёда аз ду ҳосил аз он, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, захираи кофии маҳсулоти хӯрокворӣ ва таъмини бозорҳои мамлакат бо маҳсулоти тару тозаи кишоварзӣ аз хоҷагидорон масъулияти бештарро тақозо менамояд.

Дар ҳамон ҷо Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз намоиши маҳсулоти кишоварзӣ ва чорвои хушзоти хоҷагиҳои ҳудуди вилояти Хатлон низ боздид карданд. Дар намоиш ғалладона, сабзавот, полезӣ, зироати лӯбиёӣ ва меваҷот муаррифӣ карда шуд, ки беш аз 20 тонна маҳсулоти кишоварзиро ташкил медод.

**15-уми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар минтақаи саноатии ноҳияи Ёвон корхонаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Моҳир инвест»-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Корхонаи нави саноатӣ ба истиқболи сазовори Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар доираи «Солҳои рушди саноат» (солҳои 2022 - 2026) аз тарафи соҳибкори ватанӣ Баҳриддин Ҷурахонов бунёд гардидааст. Бо таъсиси ин корхона 230 нафар, ки аксари онҳо сокинони маҳаллӣ мебошанд, бо ҷойи кори доимӣ ва бо маоши хуб таъмин шуданд.

Фаъолияти корхонаи нави саноатӣ дар ду баст ба роҳ монда шуда, дар он асосан, масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла гаҷкартон бо профилу васлакҳои металлӣ, сақфҳои гаҷӣ (армстронг) ва хокаҳои сохтмонӣ (шпаклёвка ва штукатурка), истеҳсол мешавад.

Хатҳои муосири технологӣ ба корхона аз Ҷумҳурии Олмон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дастрас гардидааст, ки онро мутахассисони тоҷик васл карда, пурра идора менамоянд. Иқтидори истеҳсолии корхона дар як сол 30 миллион метри мураббаъ гаҷкартон мебошад.



Дар корхона чор намуд гаҷкартон бо андозаи 1 метру 20 сантиметр паҳноӣ ва 2 метру 50 сантиметр дарозӣ истеҳсол мешавад. Гаҷкартонҳои истеҳсолшуда ба намӣ ва гармӣ тобовар буда, барои деворҳои байниҳуҷравӣ ва ороиши сақфи бинои иншооти гуногун истифода мегардад.

Корхона иқтидор дорад, дар як сол 200 ҳазор тонна хокаи сохтмонии аълосифат истеҳсол намоянд. Инчунин, дар корхона истеҳсоли сақфҳои гаҷӣ (армстронг) бо иқтидори 2 миллиону 400 ҳазор дона дар як моҳ ба роҳ монда шудааст. Сақфҳои гаҷӣ бо андозаи 60 ба 60 сантиметр омода мешавад. Ин навъи маҳсулот барои рӯйпӯш кардани сақфи биноҳои истиқоматию маъмурӣ ва маишию хизматрасонӣ бо истифода аз профилу васлакҳои металлӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар корхона истеҳсоли 10 намуд профилу васлаки металлӣ низ роҳандозӣ шудааст. Дар ин хатти технологӣ имкон аст, ки дар як моҳ 32 тонна профилу васлаки металлӣ истеҳсол шавад. Тамоми номгӯи масолеҳи сохтмонии истеҳсолнамудаи корхонаи навбунёди саноатӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ ва ҷаҳонӣ мутобиқ мебошад.

Масоҳати умумии корхонаи нави боиқтидори саноатӣ дар ноҳияи Ёвон 5,2 гектарро ташкил медиҳад. Дар шафати биноҳои барҳавои ба ҳам пайвасти истеҳсолӣ иншооти ёрирасон, аз қабили озмоишгоҳ ҷойгир аст, ки он дар озмоишгоҳ сифати маҳсулоти истеҳсолнамудаи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Моҳир инвест» санҷида мешавад. Озмоишгоҳи корхона бо таҷҳизоти муосири соҳавӣ муҷаҳҳаз мебошад, ки мутахассисони касбӣ бо истифода аз дастгоҳҳо сифати маҳсулотро дақиқ санҷида, баъдан барои истифода дар истеҳсолот пешниҳод менамоянд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми соҳибкори ватаниро барои бунёди корхонаи пуриқтидори саноатӣ дар самти коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ намуна арзёбӣ карда, бо назардошти зиёд будани талабот ба масолеҳи баландсифати сохтмонӣ дар мамлакат, ба масъулони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Моҳир инвест» ҷиҳати боз ҳам афзоиш додани ҳаҷми истеҳсолот маслиҳату тавсияҳои судманд доданд.

Ҳамин тариқ, танҳо аз оғози соли равон инҷониб дар ноҳияи Ёвон дар раванди амалишавии ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар 10 коргоҳ ва корхонаи боиқтидори саноатӣ бо таъсиси беш аз 200 ҷойи кори доимӣ сохта, ба истифода дода шуд.

Дар ҳамон ҷо ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон лоиҳаи бунёди корхонаҳои нави саноатӣ муаррифӣ шуд, ки самти фаъолияти онҳо, асосан, коркарди маҳсулоти хоми маҳаллӣ то марҳилаи ниҳоӣ мебошад.

Зимни муаррифии лоиҳаҳо иттилоъ дода шуд, ки дар ҳудуди ноҳия ду корхонаи нави саноатӣ, аз ҷумла корхонаи истеҳсоли блокҳои гаҷӣ дар назди ҶДММ «Файзи гаҷ» ва корхонаи коркарди оҳаксанг ва истеҳсоли коғаз дар назди ҶДММ «Моҳир инвест» дар доираи татбиқи ҳадафҳои «Солҳои рушди саноат» сохта шуда, дар умум 70 ҷойи нави корӣ таъсис меёбад.

Корхонаи истеҳсоли блокҳои гаҷӣ дар як шабонарӯз 5 ҳазору 400 метри мураббаъ ва дар як сол бо иқтидори 2 миллион метри мураббаъ маҳсулот истеҳсол менамояд. Аҳамияти блокҳои гаҷӣ дар он аст, ки вазни иншоотро то 60 дарсад аз дигар навъи масолеҳи сохтмонӣ сабук карда, дар баробари ба гармӣ ва сардӣ тобовар будан, қобилияти маҳдудкунии садоро дорад ва раванди сохтмонро метезонад.

Корхонаи коркарди оҳаксанг ва истеҳсоли коғаз, бо иқтидори 25 тонна дар як шабонарӯз ва беш аз 9 ҳазор тонна маҳсулоти ватанӣ дар як сол таъсис меёбад, ки коғазҳои истеҳсолшуда дар соҳаи нашриёт, чопи рӯзномаю маҷаллаҳо, буклетҳо, лавҳаҳои тарғиботӣ, қуттиҳои картонӣ барои бандубасти маҳсулот ва навъҳои дигар истифода мегардад. Бояд гуфт, ки 80 дарсади маҳсулоти корхона ашёи хоми маҳаллӣ буда, бо сифати аъло омода мешавад ва ивазкунандаи воридот мебошад. Бо таъсис ва ба фаъолият оғоз кардани ин корхона арзиши аслии коғазҳои истеҳсолшуда нисбат ба воридотӣ то 30 дарсад арзон мешавад. Хатҳои технологӣ, ки дар ин корхонаҳои истеҳсолӣ насб мегарданд, навтарин буда, таҷрибаи нахустин дар мамлакат аст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми соҳибкорони ташаббускори маҳаллиро дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар назаррас арзёбӣ намуда, дар ин самт ба онҳо барори кор орзу намуданд.

www.prezident.tj

# СОЛИМИИ ҶОМЕА БА ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ ВОБАСТА АСТ

**Чордаҳуми декабри соли равон дар меҳмонхонаи «Серена»-и шаҳри Душанбе дар мавзӯи «Шарҳи пешрафт дар самти солимӣ ва ҳуқуқҳои репродуктивӣ, инчунин баробарии гендерӣ миёни наврасон ва ҷавонон» суҳбати гирди миз баргузор гардид. Дар он намояндагони вазорату кумитаҳои дахлдори ҷумҳурӣ, Дафтари намояндагии Хазинаи нуфуси аҳолии СММ (UNFPA), ташкилоти ҷамъиятӣ, марказҳои солимии репродуктивӣ ва тарзи ҳаёти солим ширкат варзиданд.**





Муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ Дилрабо Мансурӣ зимни ифтитоҳи чорабинӣ иброз намуд, ки дар сиёсати хирадмандона ва бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беҳдошти рӯзгори мардум, солимии ҷомеа, ояндаи наврасону ҷавонон мақоми махсус дорад. Дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат дар ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ дар баробари дигар соҳаҳои иҷтимоиёт ба соҳаи тандурустии кишвар, алалхусус дар масъалаи беҳтар кардани вазъи некуаҳволии наврасон, занону бонувон ва ҳифзи солимии репродуктивӣ, таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардид.

- Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нахустин давлатҳое маҳсуб мешавад, ки барои беҳдошти вазъи иҷтимоии ҷавонону наврасон силсилаи чорабиниҳоро роҳандозӣ намуда, барои онҳо шароити мусоидро фароҳам овардааст. Ҳоло дар аксари шаҳру навоҳии кишвар бо мақсади омода шудани наврасону ҷавонон ба ҳаёти мустақилона марказҳои ҳунарӣ, рӯзгордорию такмили маҳорат таъсис ёфтааст. Ҳамзамон, таҳлили соҳаи тандурустии кишвар нишон медиҳад, ки айни замон заминаи боэътимоди меъёрии ҳуқуқии он мавҷуд буда, пайваста чорабиниҳо доир мешаванд, - иброз намуд Дилрабо Мансурӣ.

Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулбаҳор Ашӯрзода вобаста ба масъалаи мавриди баррасӣ зикр намуд, ки баъд аз истиқлолияти давлатӣ ҷавонон чун як неруи пуриқтидори созанда ва пешбарандаи ҳаёти ҷомеа эътироф гардиданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати ҷавон буда, қариб 70 фоизи онро ҷавонон ташкил мекунад. Дар даврони соҳибистиқлолии давлат дар самти баланд бардоштани мақоми ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа тамоми шароити зарурӣ муҳайё гардид.

- Бо мақсади боз ҳам фаъол гардидани ҷавонон даҳҳо қонуну қарорҳо ва барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» қабул карда шуд. Бо мақсади дар амал татбиқ намудани қонуни мазкур давра ба давра панҷ маротиба «Барномаи миллии ҷавонони Тоҷикистон», се маротиба «Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон», ду маротиба «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015», «Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул шуд. Ҳамчунин, «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид, ки ин ҳама зарурати ширкати ҷавононро дар ҳалли вазифаҳои мубрами инкишофи иҷтимоию иқтисодии кишвар ба миён овард, - иброз намуд Гулбаҳор Ашӯрзода.

Намояндаи Маркази ҷумҳуриявии солимии репродуктивӣ Сарвиноз Ғаниева пешниҳод намуд, ки корҳои фаҳмондадиҳӣ вобаста ба солимии репродуктивиро дар деҳот бештар бояд кард.

Муовини раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шабнам Раҳимзода пешниҳод кард, ки барои ба қабули духтури занона рафтан хуб мешуд, навбатгирии маҷозӣ (онлайнӣ) ба роҳ монда шавад. Ин таҷриба дар бисёр кишварҳои пешрафта роиҷ буда, беҳуда талафёбии вақтро пешгирӣ мекунад.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Сумангул Тағойзода пешниҳод кард, ки чун дар замони шӯравӣ мактаббачагон ҳатмӣ аз муоинаи духтур гузаранд. Вагарна бисёриҳо то ҳолаташон вазнин нашавад, ба духтур муроҷиат намекунанд.

Намояндаи Вазорати корҳои дохилии ҷумҳурӣ, подполковник Мансур Бухоризода иброз намуд, ки барои аз бекорӣ ба корҳои ношоям даст назадани наврасон бояд тадбирҳои муҳим андешид. Аз ҷумла, дар таътили тобистона аксар хонандагон бе машғулияти муфид мемонанд, зеро аз 2 миллиону 300 ҳазор хонандаи мактаб ҳамагӣ 30 000 нафар дар лагерҳои тобистона истироҳат мекунанд.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# ИШТИРОКИ ВАКИЛОН ДАР КОНФЕРЕНСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конференсияи байналмилалии «Нақши ҳамкории фраксияҳои ҳизбҳои сиёсӣ ва блокҳо дар ҳамкории байнипарламентии давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил», ки аз 11 то 14-уми декабри соли равон дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия баргузор гардид, иштирок намуданд.**



Дар он намояндагони фраксияҳо ва блокҳои парлумонҳои Абхазистон, Озарбойҷон, Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Приднестров, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Осетияи Ҷанубӣ, роҳбарон ва вакилони ҳамаи фраксияҳои Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия иштирок намуданд.

Раиси Кумита оид ба корҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ҳамгирои АвруОсиё ва равобит бо ҳамватанон Леонид Калашников конференсияро ифтитоҳ намуда, иброз дошт, ки соли чорум аст чунин чорабинӣ баргузор мегардад.

- Конференсияи имсола ба соли «Ҳаракати волонтёрон дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар соли 2024» бахшида шудааст, - зикр кард Леонид Калашников.

Раиси Ҳизби коммунистии Федератсияи Россия Геннадий Зюганов зимни суханрониаш иброз дошт, ки агар дар доираи ИДМ созиш ба вуҷуд ояд, на танҳо равобити сиёсӣ, балки иҷтимоию иқтисодӣ ҳам фаъол бошад, он гоҳ мо пеш меравем. Ҳамзамон намояндагони дигар фраксияҳо низ андешаҳояшонро баён намуданд.

Дар конференсияи байналмилалӣ вакилони Маҷлиси намояндагон Фозил Обидзода, Рустам Раҳматзода, мушовири калони Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қадриддин Акрамов ва сармутахассиси Раёсати робитаҳои хориҷӣ, байнипарламентӣ, ташрифотӣ ва ташкили кори Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон Каримҷон Содиқов иштирок ва маърӯза карданд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 419379 | Беморхонаи марказии шаҳри Ваҳдат | Таҷҳизоти тиббӣ ва доруворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 36 | 19.12.2023 13:00:00 |
| 2 | 419366 | Муассисаи давлатии таълимии «Мактаб - интернати таҳсилоти умумии ҷумҳуриявии тамоюли варзишии ба номи И. Ҳасанов» | Насби системаи назорати видеоӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 19.12.2023 16:00:00 |
| 3 | 419369 | Муассисаи давлатии «Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Техникаи маишӣ, насоси обкашӣ, компрессор барои кондитсионер ва молҳои сантехникӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 8 | 20.12.2023 17:05:40 |
| 4 | 419370 | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 43 | 20.12.2023 18:55:51 |
| 5 | 419375 | Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ, телевизор, тагмон барои телевизор ва картриҷ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 21.12.2023 10:00:00 |
| 6 | 419378 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ, барқӣ ва сантехникӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 32 | 21.12.2023 10:15:00 |
| 7 | 419380 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Қисмҳои эҳтиётӣ барои нақлиёти истифодаи умум | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 236 | 21.12.2023 16:36:36 |
| 8 | 419365 | Бонки миллии Тоҷикистон | Дарахти санавбар, хоки ҳосилхез ва поруи органикӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 03.01.2024 16:30:00 |
| 9 | 419367 | Раёсати Хадамоти давлатии оташнишонии вилояти Хатлон | Сӯзишворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 03.01.2024 16:45:25 |
| 10 | 419368 | Коллеҷи тиббии шаҳри Бохтар | Идомаи сохтмони синфхонаҳои таълимӣ, озмоишӣ ва табобатӣ дар коллеҷ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 03.01.2024 16:55:25 |
| 11 | 419371 | Гимназияи №5-и шаҳри Истаравшан | Техникаҳои офисӣ, видеорегистратор, кондитсионер, генератор, тахтаи электронии синфӣ, асбобҳои сохтмонӣ ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 15 | 04.01.2024 08:39:39 |
| 12 | 419376 | Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Картриҷ, таҷҳизоти техникии идоравӣ ва техникаи маишӣ, ресмони полиэтиленӣ, арчаи солинавӣ ва молҳои хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 15 | 04.01.2024 10:20:00 |
| 13 | 419377 | Беморхонаи марказии шаҳри Ваҳдат | Курсиҳои театрӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 04.01.2024 11:50:00 |
| 14 | 419381 | Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ | Молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ, таҷҳизоти техникӣ ва маишӣ, қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 92 | 04.01.2024 15:10:27 |
| 15 | 419421 | Муассисаи давлатии «Наврӯзгоҳ» | Гузаронидани хати об барои обдиҳии сабзазор ва дарахтон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 20.12.2023 13:40:00 |
| 16 | 419386 | Корхонаи воҳиди давлатии коммуналии «Меҳмонхонаи Суғдиён»-и шаҳри Хуҷанд | Таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавии иншооти «Бинои иловагии КВДК «Меҳмонхонаи Суғдиён»-и шаҳри Хуҷанд» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 21.12.2023 16:50:25 |
| 17 | 419388 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Молҳои барқӣ, сантехникӣ ва хоҷагидорӣ, обгармкунак | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 23 | 21.12.2023 17:01:01 |
| 18 | 419389 | Гимназияи №1 ба номи Раҳим Ҷалили шаҳри Хуҷанд | Сервер, турникет, планшет, телевизор, видеорегистратор, таҷҳизоти зиддисӯхторӣ ва лавозимоти он | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 21.12.2023 17:25:15 |
| 19 | 419390 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии қисми кӯчаи Бародарӣ дар Ҷамоати деҳоти Унҷии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (гузоштани фарши асфалтубетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 5050 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 21.12.2023 17:29:10 |
| 20 | 419391 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд (идомаи сохтмони ҳавлии №6 (ҳавлии тоҷир), сохтмони роҳ ва ободонии атроф) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 21.12.2023 17:33:23 |
| 21 | 419392 | Шабакаҳои кумаки аввалияи тиббӣ - санитарии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Маҳлули антисептикӣ, маҷмӯи асбобҳои стоматологӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 10 | 21.12.2023 17:37:55 |
| 22 | 419393 | Муассисаи давлатии таълимии томактабии кӯдакистони №4-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 48 | 21.12.2023 17:45:45 |
| 23 | 419394 | Муассисаи давлатии таълимии томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №9»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 48 | 21.12.2023 17:51:50 |
| 24 | 419395 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Сохтмони биноҳои иловагӣ дар муассиса (идомаи корҳои бетонӣ. Ҳаҷм - 260 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 21.12.2023 17:57:17 |
| 25 | 419405 | Муассисаи давлатии «Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Пиёзи гули лола | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 22.12.2023 08:50:00 |
| 26 | 419396 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 10 | 22.12.2023 09:30:00 |
| 27 | 419397 | Поликлиникаи стоматологияи кӯдаконаи шаҳри Хуҷанд | Маводи стоматологӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 22.12.2023 09:30:30 |
| 28 | 419407 | Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ дар вилояти Суғд | Чархи резинӣ ва аккумулятор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 22.12.2023 10:12:12 |
| 29 | 419408 | Муассисаи давлатии таълимии томактабии №6-и шаҳри Конибодом | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 36 | 22.12.2023 10:12:12 |
| 30 | 419409 | Кумитаи вилоятии Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи вилояти Суғд | Таъмири ҷории ҳуҷраҳои корӣ ва идомаи сохтмони бинои нав дар кумита | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 22.12.2023 10:12:12 |
| 31 | 419410 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони хонаи истиқоматии 9-ошёнагии 45 - ҳуҷрадор дар маҳаллаи 8-уми шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 22.12.2023 10:12:12 |
| 32 | 419411 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои мактаб барои 320 хонанда дар шаҳраки Сайҳуни ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 3-ошёнагӣ (корҳои лоиҳавӣ, муҳандисӣ - геологӣ ва топографӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 22.12.2023 10:12:12 |
| 33 | 419412 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии қисми кӯчаи ба номи Қобилҷон Саидов дар Ҷамоати деҳоти Унҷии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (гузоштани фарши асфалтубетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 770 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 22.12.2023 10:12:12 |
| 34 | 419413 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои таълимӣ барои 6 синфхона дар деҳаи Сарваки Болои ноҳияи Ашт (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 22.12.2023 10:12:12 |
| 35 | 419414 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон | Гузоштани девор дар атрофи муассиса дар шаҳри Гулистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 22.12.2023 10:12:12 |
| 36 | 419398 | Шабакаҳои кумаки аввалияи тиббӣ - санитарии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Реактив, реагент ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 32 | 22.12.2023 11:00:00 |
| 37 | 419416 | Маркази саломатии шаҳри Ҳисор | Корҳои таъмирӣ ва сохтмони айвон дар муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 22.12.2023 11:15:00 |
| 38 | 419417 | Муассисаи давлатии «Маркази мероси хаттии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» | Таъмири ҷории роҳравҳои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 22.12.2023 11:45:00 |
| 39 | 419418 | Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | Таъмири ҷории ҳоҷатхона ва долони зали хурди маҷлиси шӯрои олимони институт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 22.12.2023 13:00:00 |
| 40 | 419419 | Муассисаи нашриявии «Ирфон» | Чопи китоб (6 номгӯй), теъдоди умумӣ - 11800 адад | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 22.12.2023 14:10:00 |
| 41 | 419400 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Молҳои барқӣ, сантехникӣ, масолеҳи сохтмонӣ, ранги равғанин, электрод, ноқил, светодиод, ширеш, баннер, ароба ва асбобҳои дастӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 80 | 22.12.2023 15:55:55 |
| 42 | 419382 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Сохтмони асосӣ» | Қисмҳои эҳтиётии автомашина | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 142 | 04.01.2024 16:10:00 |
| 43 | 419383 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №19-и ноҳияи Ёвон | Мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 04.01.2024 16:35:10 |
| 44 | 419385 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 50-и ноҳияи Хуросон | Компютер ва миз | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 04.01.2024 16:45:30 |
| 45 | 419387 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23-и ноҳияи Хуросон | Компютер ва миз | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 04.01.2024 16:55:35 |
| 46 | 419399 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №21 ба номи Саидҷон Усарови шаҳри Хуҷанд | ДБФ (принтер) ва ҷевон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 04.01.2024 23:01:01 |
| 47 | 419404 | Корхонаи воҳиди давлатии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» | Таҷдиди барномаи ҷории САБТ (системаи автоматии бақайдгирии амволи ғайриманқули Тоҷикистон) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 05.01.2024 08:45:00 |
| 48 | 419401 | Мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи Нуробод | Молҳои канселярӣ ва хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 22 | 05.01.2024 09:00:01 |
| 49 | 419406 | Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи Нуробод | Либоси мактабӣ, пойафзол, мебел ва дигар таҷҳизоти нарм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 27 | 05.01.2024 10:04:19 |
| 50 | 419415 | Корхонаи фаръии «Шахтаи Фон - Ягноб»-и Корхонаи воҳиди давлатии «Ангишти тоҷик» | Қисмҳои эҳтиётӣ, равғани молиданӣ, электрод ва шишаи органикӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 103 | 05.01.2024 11:00:00 |
| 51 | 419372 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ ва лавозимот барои ошхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 05.01.2024 11:11:51 |
| 52 | 419422 | Муассисаи давлатии «Қасри ҷумҳуриявии фарҳанги Кангурт» | Асбобҳои мусиқии барқӣ, таҷҳизоти акустикӣ, ноқили акустикӣ ва қисмҳо ба он | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 17 | 05.01.2024 14:10:00 |
| 53 | 419420 | Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии шаҳри Душанбе | Таҷҳизот ва асбобҳои лабораторӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 05.01.2024 14:55:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# ЗАПРОС НА ВЫРАЖЕНИЕ ЗАИНТЕРЕСОВАННОСТИ
## Консультационные услуги (отбор фирм)

Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка (**Грант MAP №: D9780-TJ**) для реализации Проекта «**Повышение готовности и устойчивости к бедствиям в Таджикистане**» и намерена использовать часть средств на **Технико-экономическое обоснование и рабочее проектирование для водолазного учебного и кинологического центров.**

Группа реализации проекта (ГРП) «Повышение готовности и устойчивости к бедствиям в Таджикистане» приглашает правомочные консультационные компании с опытом работы для участия в конкурсном отборе для выполнения вышеуказанных услуг.

С техническим заданием на выполнение услуг можно ознакомиться по ссылке https://cloud.mail.ru/public/sbLQ/pRX7vjVRH

Предложения с выражением заинтересованности должны быть представлены в адрес Группы реализации проекта (ГРП) в письменной форме на русском / английском языке (с копией) не позднее 17-00 часов 05 января 2024 г. (лично, по почте, по факсу или по электронной почте).

Для включения в короткий список заинтересованные консультационные компании могут представить информацию о своей квалификации и опыте в предоставлении подобных услуг (брошюры, описание предыдущего опыта в оказании подобных услуг, наличие опытных специалистов с их резюме).

В этот же адрес можно обратиться для получения дополнительной информации в рабочие часы с 9-00 до 17-00 с понедельника по пятницу.

**Адрес:** Комитет по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне при Правительстве Республики Таджикистан, Группа реализации проекта (ГРП КЧС и ГО). Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Лохути - 26. Тел: (+992 37) 221-91-19, 223-13-11 / мобильный 880-00-28-28. **Эл.почта:** najot@rs.tj

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шаҳодатномаи силсилаи Ва №0014070-и гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ки онро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 ноябри соли 2007 таҳти рақами қайди ИҶ 311 ба Ташкилоти ҷамъиятии «Найман Бесбала Қазоқлари» додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини гумшуда, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати шаҳраки Мирзо Турсунзода, деҳаи Истиқлол- 2, хонаи 334 ба Маҳмадшоев Маҳмадулло додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати шаҳраки Мирзо Турсунзода, деҳаи Истиқлол - 2, хонаи 334 ба Маҳмадшоев Маҳмадулло додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи силсилаи А 04833729- и гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Рӯдакӣ 13- уми марти соли 2023 ба Маҳмадшоев Маҳмадулло додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи таваллуди гумшуда, ки онро Ҷамоати деҳоти Водхуди ноҳияи Ванҷ 3- юми январи соли 1947 ба Маҳмадшоев Маҳмадулло додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи №198- и гумшуда, ки онро Муассисаи давлатии «Бӯстонсарои президентӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023 ба Холова Баҳринисо Қодировна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Навобод, хонаи 10/2 ба Каримов Раҷаб Ёрмаҳмадович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлии гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Бинокорон, бинои 5, хонаи 46 ба Ҷумаев Шаҳобудин Боймаҳмадович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ ба Шодиев Илашбой Бобоевич (РЯМ 1230049939, РМА 125612300) додааст, эътибор надорад.

✓ Дастгоҳи гумшудаи назорати хазинавии «Миника 1102С» таҳти рақами 1022967, марбут ба Наимов Хайриддин (РМА 195716885) эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи техникии манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳамадиев, бинои 9, хонаи 45 ба Маҳмудов Мансурҷон Бурҳонович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0495852, ки онро Кумитаи идораи замини шаҳри Панҷакент 20-уми апрели соли 2015 таҳти рақами 5496 ба Эшонқулова Гулҷаҳон додааст, бинобар бар асари сӯхтор сӯхта нобуд шуданаш, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0471146, ки онро Кумитаи идораи замини шаҳри Панҷакент 5-уми августи соли 2014 таҳти рақами 5023 ба Ҳамроев Шоҳрӯз додааст, бинобар бар асари сӯхтор сӯхта нобуд шуданаш, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи Б №0365435, ки онро Кумитаи давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори Ҷамоати деҳоти Гулистони ноҳияи Рӯдакӣ ба сокини деҳаи Янги – Қурғони ноҳияи Рӯдакӣ Шарипов Маҳмадшариф додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0471228, ки онро Кумитаи идораи замини шаҳри Панҷакент 14- уми августи соли 2014 таҳти рақами 5032 ба Қурбонов Воҳид додааст, бинобар бар асари сӯхтор сӯхта нобуд шуданаш, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи ҳавлӣ, ки онро ШВКД- 1 дар ноҳияи Фирдавсӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад, бинои 98/2, хонаи 43 ба Саидова Насиба Файзалиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТА №0883095, ки онро МДТ «Литсей барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Душанбе 13- уми июни соли 2019 ба Розиқов Ҳоҷиакбар Илҳомиддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Паҳлавонова Ошурмо Худоёровна додааст, эътибор надорад.

✓ Дастгоҳи гумшудаи назорати хазинавии «Миника 1102 Ф» таҳти №2014620- и соҳибкори инфиродӣ Алиев Сатторалӣ (РМА 045515135) эътибор надорад.

✓ Билети ҳарбии гумшудаи силсилаи ҶТ №806601, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 10-уми августи соли 2019 ба Раҳимов Олимҷон Темурович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи силсилаи А №03424329, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 25-уми ноябри соли 2020 ба Гадоев Шерали Саидалиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, Бӯстонсаройи №24, кӯчаи Авул ба Назарова Гулбаҳор додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибоси гумшуда аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ (бо РМА 030004877, РЯМ 0310006758), ки онро шуъбаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳри Душанбеи Раёсати бақайдгирии андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 июли соли 2022 ба Идораи рӯзномаи «Садои мардум» додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ТСИ №0001900-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ 26 майи соли 2005 бо қайди 208 ба Одинаев Фирдавс Абдуҷабборович додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Лоҳутӣ иншоот» (РЯМ 0210028702), ки 18- уми ноябри соли 2020 дар Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Найман Бесбала Қазоқлари», ки 23 ноябри соли 2007 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами ИҶ 311 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Манзилсозҳои аъло» (РМА 010100074) фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Сафаров Нуриддин, ки дорои Шаҳодатнома бо шартҳои махсус бо РЯМ №095163813 мебошад ва онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

**Аҳли кормандони идораи рӯзномаи «Садои мардум» ба саҳифабанди рӯзнома Фирдавс Таушаров бинобар вафоти**

**МОДАРАШ**

**изҳори ҳамдардӣ намуда, аз даргоҳи Худованд барояш сабри ҷамил хоҳонанд.**

Конститутсия - кафолати рушди үмеван давлатдорвар ва волоияти қонун

Садои мардум

Муассис:
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муовини якуми сармуҳаррир
Абдухолиқ МИРЗОЕВ

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фарҳунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 18 декабри соли 2023, соати 16:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34460 нусха*

Навбатдорони шумора Ш. Ҳусейнзода ва Ф. Абдулҳакимова

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97